## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2026 сол).**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқ аз зарурати таҳлили амиқ ва илмии равандҳои ташаккул ва таҳкими давлатдории муосири тоҷикон дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқӣ- конститутсионӣ бармеояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба марҳилаи мураккаби ташаккули низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии худ ворид гардид. Дар ин марҳила масъалаи барқарорсозии сулҳ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд на танҳо аҳаммияти сиёсӣ, балки моҳияти амиқи ҳуқуқӣ пайдо намуд. Аз ин рӯ, омӯзиши фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат дар доираи танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ масъалаи дорои аҳаммияти фавқулодаи илмӣ ва амалист.

Таҷрибаи таърихии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки раванди истиқрори сулҳ ва суботи сиёсӣ танҳо тавассути механизмҳои сиёсӣ таъмин намегардад, балки ба пояи устувори ҳуқуқӣ такя мекунад. Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули институтҳои нави давлатӣ равандҳое мебошанд, ки таҳлили онҳо бе арзёбии заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ нопурра мемонад. Дар ин замина фаъолияти Пешвои миллат ҳамчун омили муттаҳидкунанда ва ташаббускори ислоҳоти конститутсионӣ бояд на танҳо аз нигоҳи сиёсӣ, балки дар доираи принсипҳои волоияти Конститутсия ва ҳуқуқ таҳлил карда шавад.

Мубрамияти мавзуъ, инчунин бо он асос меёбад, ки дар шароити муосири рушди ҷомеа масъалаи таносуби шахсият ва институтҳои давлатӣ аҳаммияти назариявии хос касб намудааст. Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ то ҳол баҳсҳо идома доранд, ки нақши шахсияти сиёсӣ дар раванди ташаккули институтҳои давлатӣ то кадом андоза метавонад дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ арзёбӣ гардад. Фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат дар Тоҷикистон намунаи мушаххаси ҳамгироии омилҳои шахсӣ ва институтсионалӣ мебошад, ки таҳқиқи он барои рушди назарияи давлат ва ҳуқуқ аҳаммияти методологӣ дорад.

Дар баробари ин, таҳкими мақоми конститутсионии Пешвои миллат ва инъикоси он дар қонунгузории миллӣ масъалаҳои навро ба миён меорад: табиати ҳуқуқии мақоми мазкур, ҷойгоҳи он дар низоми тақсимоти ҳокимият, таносуби он бо принсипи демократия ва волоияти ҳуқуқ. Таҳқиқи илмии ин масъалаҳо барои пешгирии ихтилофи назариявӣ ва таъмини ягонагии фаҳмиши ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Мубрамияти мавзуъ инчунин бо вазъи муосири ҷаҳонӣ вобаста аст. Дар шароити густариши таҳдидҳои глобалӣ, аз ҷумла экстремизм, терроризм, низоъҳои дохилӣ ва тағйироти геополитикӣ  масъалаи ҳифзи амнияти миллӣ ва устувории сохти конститутсионӣ аҳаммияти афзалиятнок пайдо кардааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва нақши Пешвои миллат дар ин раванд метавонад ҳамчун модели таҳлили ҳуқуқӣ барои давлатҳои дигар, ки дар марҳилаи гузариш қарор доранд, хизмат намояд.

Илова бар ин, мавзуъ дорои аҳаммияти амалӣ низ мебошад. Таҳқиқи заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофарона метавонад барои такмили қонунгузорӣ дар самти таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи сохти конститутсионӣ, рушди механизмҳои ҳамкории ҳокимият ва ҷомеа, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон замина фароҳам оварад.

Ҳамчунин, омӯзиши ҳамаҷонибаи ин масъала барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти стратегӣ дорад, зеро он имкон медиҳад, ки таҷрибаи миллӣ дар доираи назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ҷойгоҳи илмии худро пайдо намояд.

Бо дарназардошти омилҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии зикршуда, метавон хулоса кард, ки мавзуи таҳқиқ дорои аҳаммияти баланди назариявӣ, методологӣ ва амалӣ буда, ба таҳкими асосҳои илмии давлатдории ҳуқуқбунёд, устувории сохти конститутсионӣ ва рушди минбаъдаи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Дарачаи навгонии натичаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар доираи илми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сулҳофаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мавриди таҳлили комплексӣ ва системавӣ қарор гирифтааст. Агар то имрӯз ин масъала асосан дар сатҳи таҳқиқоти сиёсӣ ва таърихӣ баррасӣ мегардид, дар таҳқиқи мазкур он ба сатҳи таҳлили мукаммали меъёрӣ-ҳуқуқӣ бардошта шуда, моҳият, табиат ва ҷойгоҳи ҳуқуқии он дар низоми давлатдории конститутсионӣ ба таври илмӣ асоснок гардидааст. Дар раванди таҳқиқ нуқтаҳои назари анъанавии сиёсӣ-таърихӣ бо таҳлили ҳуқуқӣ, муқоисавӣ ва системавӣ пайваст карда шуда, нишон дода шудааст, ки фаъолияти сулҳофарона на танҳо амали сиёсӣ, балки падидаи дорои заминаи устувори конститутсионӣ ва меъёрӣ мебошад.

Дар диссертатсия модели назариявии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофарона таҳия гардидааст, ки дар он фаъолияти мазкур ҳамчун низоми муташаккили ваколатҳо, принсипҳо ва механизмҳои ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад.

Муаллиф нишон медиҳад, ки фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат дар доираи ваколатҳои конститутсионии Сарвари давлат амалӣ гардида, бо принсипҳои волоияти Конститутсия, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини ваҳдати миллӣ ва устувории сохти конститутсионӣ пайванди бевосита дорад. Бо ин равиш табиати ҳуқуқии фаъолияти сулҳофарона на танҳо ҳамчун таҷрибаи сиёсӣ, балки ҳамчун падидаи дорои мазмуни мустақили меъёрӣ муайян карда шудааст, ки дар Конститутсия ва қонунгузории миллӣ инъикоси худро ёфтааст.

Навгонии таҳқиқ ҳамчунин дар он ифода меёбад, ки ҷойгоҳи фаъолияти сулҳофарона дар низоми институтҳои конститутсионӣ муайян гардида, таъсири он ба рушди минбаъдаи низоми ҳокимияти давлатӣ ва ташаккули модели миллии давлатдории ҳуқуқбунёд асоснок шудааст. Дар ин замина фаъолияти сулҳофарона ҳамчун омили муҳими таҳкими сохти конститутсионӣ ва суботи сиёсӣ арзёбӣ гардидааст. Муаллиф ба хулоса меояд, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон дорои аҳаммияти назариявӣ буда, метавонад ҳамчун намунаи ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳалли мунокишаҳои дохилӣ ва баркарорсозии давлатдорӣ хизмат намояд.

Илова бар ин, дар асоси таҳлил як қатор пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ба миён гузошта шудаанд, ки ба дақиқсозии меъёрҳои марбут ба ҳифзи

ваҳдати миллӣ, такмили танзими ҳуқуқии мақоми Пешвои миллат ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқии устувории сохти конститутсионӣ равона шудаанд. Бо ҳамин, натиҷаҳои таҳқиқ дорои навгонии назариявӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бар пояи таҳлили амиқи назариявӣ, омӯзиши муфассали санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқоисаи таҷрибаи миллӣ бо равандҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва истифодаи усулҳои муосири таҳқиқи илмӣ таҳия гардидаанд. Асоснокии натиҷаҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои амалкунанда такя намуда, дар доираи принсипҳои волоияти ҳуқуқ ва мантиқи низоми ҳуқуқии миллӣ пешниҳод шудаанд.

Дар раванди таҳқиқ усулҳои таҳлили системавӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ ва таърихӣ истифода гардидаанд, ки имкон додаанд робитаҳои дохилии байни институтҳои конститутсионӣ ва фаъолияти сулҳофарона ба таври пайваста ва муназзам муайян карда шаванд. Хулосаҳо на бар асоси арзёбиҳои умумӣ, балки бо истинод ба меъёрҳои мушаххаси қонунгузорӣ ва таҳлили таҷрибаи воқеии давлатдорӣ асоснок шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо, инчунин, бо он таъмин мегардад, ки маводи таҳқиқ ба сарчашмаҳои расмӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин ба таҷрибаи амалии ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ такя менамояд. Пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ, ки дар диссертатсия баён шудаанд, бо мазмуни қонунгузории амалкунанда мутобиқат дошта, ба такмили минбаъдаи он равона гардидаанд.

Ҳамин тариқ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида дорои асоснокии назариявӣ ва ҳуқуқӣ буда, аз ҷиҳати илмӣ мустаҳкам ва барои истифода дар раванди такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ қобили татбиқ мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши илмии масъала таҳлил шудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети он мушаххас карда шудаанд. Ҳамчунин, заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо ба таври мухтасар инъикос ёфтаанд.

**Боби якуми** диссертатсия «Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ» ба таҳлили шароити таърихӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқии давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар раванди барқарорсозии сулҳ ва суботи давлатӣ бахшида шудааст. Дар ин боб заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии буҳрони дохилӣ, таҳдидҳо ба сохти конститутсионӣ ва зарурати ташаккули механизми сулҳофарона мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Муаллиф фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллатро ҳамчун падидаи дорои аҳаммияти давлатӣ ва ҳуқуқӣ таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки иқдомҳои сиёсӣ ва ташаббусҳои музокиротӣ дар ҳамоҳангӣ бо принсипҳои ҳифзи давлатдорӣ ва барқарорсозии сохти конститутсионӣ амалӣ гардидаанд. Таъкид мегардад, ки дар дар ин роҳи пурмашаққат ва сарнавиштсоз шуҷоату ҷасорати бемисл, фаросати сиёсӣ, мардумпарварӣ, ватанпарастӣ ва миллатдӯстии Эмомалӣ Раҳмон нақши ҳалкунанда бозид. Маҳз ҳамин сифатҳо ва садоқати беғаразона нисбат ба Ватан буданд, ки ӯ бо ҷасорати комил ҷони худро дар хатар гузошта, сафарҳои пурхатар ва музокироти душворро барои барқарории сулҳ ва ваҳдати миллӣ анҷом дод. Дар натиҷа, сулҳу ҷубот ва ризоияти миллӣ дар саросари Тоҷикистон барқарор гардид (саҳ.22).

Муаллиф ба таври асоснок баён медорад, ки "таҷрибаи миллии Тоҷикистон нишон дод, ки созиш ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ на танҳо падидаи сиёсӣ, балки институти мустақили низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки дорои механизми меъёрии хоси худ аст. Маҳз тавассути чунин механизмҳо давлат тавонист муноқишаи дохилиро ба воситаи қонун ва созиши ҳуқуқӣ ҳал намояд, ки ин яке аз намунаҳои камназири таҷрибаи ҳуқуқи сулҳ

дарфазои пасошуравӣ ба ҳисобмеравад (саҳ.36).

Таҳлил намудани фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлатӣ ҳуқуқбунёд, нишон медиҳад, ки ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлати ҳуқуқбунёд на танҳо вазифаи сиёсӣ, балки самти муҳими фаъолияти конститутсионӣ-ҳуқуқии Сарвари давлат мебошад.

Таҳлил собит месозад, ки пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ марҳилаи нави давлатсозӣ оғоз гардида, таҳкими сохти конститутсионӣ, ислоҳоти институтҳои ҳокимияти давлатӣ, такмили низоми қонунгузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи асосии ҳифзи сулҳ баромад намуданд. Дар ин раванд Пешвои миллат ҳамчун кафили Конститутсия ва ҳомии ваҳдати миллӣ сиёсати муттасилу пайгирро амалӣ намуданд (саҳ.48).

Муаллиф робитаи мустақими байни сулҳ, ваҳдати миллӣ ва принсипҳои давлати ҳуқуқбунёдро асоснок намуда, таъкид мекунад, ки устувории сулҳ танҳо дар заминаи риояи волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини адолати иҷтимоӣ имконпазир аст. Дар ин замина фаъолияти Пешвои миллат ҳамчун механизми таъминкунандаи суботи сиёсӣ ва ҳамзамон рушди ҳуқуқии давлат арзёбӣ мегардад.

**Боби дуюми** таҳқиқот «Нақши фаъолияти сулҳофарии Пешвои миллат дар сиёсати хориҷӣ» ба таҳлили фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ бахшида шудааст.

Муаллиф нишон медиҳад, ки пас аз барқарорсозии сулҳу субот дар дохили кишвар, таҷрибаи сулҳи тоҷикон ба самти фаъолияти байналмилалӣ густариш ёфта, ба унсури калидии сиёсати хориҷии давлат табдил гардид.

Дар таҳқиқ асоснок мегардад, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат бар пояи принсипҳои ҳамзистии осоишта, эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ ва ҳалли мусолиматомези низоъҳо бунёд шудааст. Сиёсати сулҳҷӯёна дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун идомаи мантиқии таҷрибаи сулҳи миллӣ арзёбӣ гардида, ба таҳкими амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ равона шудааст.

Муаллиф нақши Пешвои миллатро дар пешбурди ташаббусҳои байналмилалӣ, таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва саҳмгузорӣ дар баррасии масъалаҳои амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таҳлил намуда, таъкид мекунад, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замоне ба майдони

сиёсат ворид шуданд, ки миллати тоҷик дар вартаи парокандашавӣ қарор дошт ва Тоҷикистони тозаистиқлол ба сарҳади нестӣ расида буд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз иродаи қавӣ ва фаъолияти фидокоронаи Эмомалӣ Раҳмон омили асосии барқарорсозии фаврии сулҳу амният дар кишвар гардид, ки дар натиҷа садҳо ҳазор гурезаи иҷборӣ ба Ватан бозпас баргаштанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар вазъияти ниҳоят мураккаби сиёсии солҳои навадум, яке аз аввалин роҳбарони ҷаҳон буданд, ки ҷомеаи байналмилалиро ба муборизаи дастаҷамъона алайҳи ҳама гуна таҳдидҳо ба сулҳу амнияти ҷаҳонӣ даъват намуданд (саҳ.101).

Фазо ва таҷрибаи ваҳдатофарини миллати тоҷик, ки дорои заминаҳои мустаҳками таърихист, дар шароити кунунӣ аҳаммияти ҷаҳонӣ пайдо карда, ҳамчун яке аз унсурҳои калидӣ дар таҳкими сулҳ мавриди истифода қарор мегирад. Нақши роҳбарии Тоҷикистон дар ин ҷараён, бахусус иқдомҳои Пешвои миллат дар самти сулҳофарӣ барои наслҳои оянда, ҳамчун амали башардӯстона, стратегӣ ва ваҳдатофар арзёбӣ мешавад (саҳ.104).

Муаллиф ба таври асоснок хулосабарорӣ менамояд, ки вазъияти ҷаҳон куллан дигаргун шуда, имкони аз нав тақсимбандии он вуҷуд дошта, дорои ғояҳои мутафовитест, ки ҳар як бо дидгоҳи худ гардиши айёмро шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ин ҳамаро Президенту мардуми Тоҷикистон бо эҷоди мактаби сулҳу созандагӣ сари вақт дарк карда, аҳли оламро аз он огаҳӣ медиҳанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сиёсатмадори барҷастаи сатҳи байналмилалӣ роҳҳои асосии бартараф кардани мушкилоти умумиҷаҳониро қайд карда, муттаҳидии тамоми кишварҳои ҷаҳонро баҳри ҳамкориҳои созандаву бисёрҷониба муҳим арзёбӣ намуданд (саҳ.105).

**Дар боби сеюм** – «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» номгузорӣ шудааст. Дар боб заминаҳои ташаккули мақоми Пешвои миллат дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойгоҳи он дар Конститутсия ва қонунгузории миллӣ, инчунин табиати ҳуқуқии ин институт баррасӣ мегардад. Муаллиф нишон медиҳад, ки мақоми Пешвои миллат на танҳо падидаи сиёсӣ-таърихӣ, балки институти дорои заминаи мушаххаси конститутсионӣ ва қонунгузорӣ мебошад, ки дар доираи принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ташаккул ёфтааст.

Таҳлил бар он равона шудааст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ ҷойгоҳи Сарвари давлатро муайян намуда, ваколатҳо, масъулият ва мақоми ӯро дар низоми тақсимоти ҳокимият танзим мекунад. Дар ҳамин замина, мақоми Пешвои миллат ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар иртибот бо меъёрҳои конститутсионӣ, ки ба таъмини ваҳдати миллӣ, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва устувории давлат равона шудаанд, баррасӣ мегардад.

Муаллиф робитаи байни мақоми Пешвои миллат ва принсипҳои асосии конститутсионӣ - волоияти ҳуқуқ, соҳибихтиёрии давлатӣ, якпорчагии ҳудудӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро асоснок намуда, нишон медиҳад, ки ин мақом дар чаҳорчӯби низоми ҳуқуқии кишвар ташаккул ёфта, бо Конститутсия ҳамоҳанг мебошад.

Таъкид мешавад, ки мақоми Пешвои миллат, гарчанде нав ба назар мерасад, аммо бо анъанаҳои давлатдории тоҷикон наздикии фарҳангӣ дорад. Агар Президент падидаи умумии ҷаҳонӣ бошад, пас Пешвои миллат - натиҷаи махсуси марҳилаи душвори давлатсозӣ ва ифодаи эҳтиёҷ ба шахсияти муттаҳидкунанда аст (саҳ.117).

Муаллиф нишон медиҳад, ки мақоми Пешвои миллат танҳо дорои мазмуни рамзӣ ё сиёсӣ набуда, балки бо маҷмӯи кафолатҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ таъмин гардидааст, ки устувории он ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва давлатиро таъмин менамоянд.

Дар таҳқиқ таъкид мешавад, ки дар ташаккули ҳаёти ҳуқуқии халқу миллатҳо шахсиятҳои таърихие ҳастанд, ки ном, фаъолият ва зиндагиномаи онҳо бо таърих ва сарнавишти давлатдорӣ ва низоми ҳуқуқии онҳо пайванди ногусастанӣ дорад. Эмомалӣ Раҳмон яке аз чеҳраҳои калидии таърихи муосири тоҷикон ба шумор меравад, ки нақши ӯ дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ, таҳкими давлатдории навин ва муайянсозии самтҳои рушди ҳуқуқи тоҷик аҳаммияти хоса дорад. Ӯ дар баробари саҳмгузорӣ дар таҳаввули таърихии миллати тоҷик ва бунёди пояҳои давлатдории соҳибихтиёрона, барои эҳёи арзишҳои ҳуқуқии ниёгон ва татбиқи онҳо дар қонунгузории муосир, инчунин, дар таҳия ва қабули низоми қонунҳои миллӣ хизматҳои назаррас анҷом додааст (саҳ.126).

Хулосаи диссертатсия ҷамъбасти пайдарпай ва мантиқии тамоми натиҷаҳои бадастомада буда, муҳтавои асосии таҳқиқро дар шакли муназзам ифода менамояд. Дар он даҳ нуктаи дорои аҳаммияти назариявӣ пешниҳод гардидааст, ки ба ошкор намудани моҳият, табиати ҳуқуқӣ ва қонуниятҳои ташаккул ва рушди мақоми Пешвои миллат ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ равона шудаанд. Дар ин қисмат робитаи фаъолияти сулҳофарона бо барқарорсозии сохти

конститутсионӣ, таҳкими соҳибихтиёрии давлатӣ, устувории давлатдорӣ ва таъмин намудани волояти қонун ба таври ҷамъбастӣ ва асоснок инъикос ёфтааст.

Ҳамзамон, хулоса се пешниҳоди дорои аҳаммияти амалӣ дар бар мегирад, ки ба рушди минбаъдаи фаҳмиши илмии табиати ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Пешвои миллат, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар такмили назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ, инчунин татбиқи онҳо дар раванди такмил ва такрорбинӣ намудани қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошанд, зеро онҳо ба рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд. Дар таҳқиқ мафҳум ва табиати ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Пешвои миллат аз нигоҳи илмӣ дақиқ карда шуда, ҷойгоҳи он дар низоми институтҳои давлатӣ ба таври системавӣ муайян гардидааст. Ин натиҷаҳо метавонанд барои таҳияи корҳои минбаъдаи илмӣ, такмили барномаҳои таълимӣ ва рушди методологияи таҳқиқоти соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо ва хулосаҳои таҳқиқ метавонанд дар раванди такмили қонунгузории миллӣ, таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба кор бурда шаванд. Натиҷаҳо барои мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои қонунгузор ва сохторҳои таҳиякунандаи сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи илмӣ хизмат карда метавонанд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, таҳқиқ ба таҳкими устувории сохти давлатӣ ва суботи сиёсӣ мусоидат мекунад, ки ин омилҳо барои рушди устувори иқтисодӣ заминаи муҳим фароҳам меоранд. Мустаҳкам гардидани пояҳои конститутсионӣ ва таъмини амнияти ҳуқуқӣ шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ фароҳам месозад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар таҳкими ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои давлатӣ ифода меёбад. Таҳқиқ ба таҳкими арзишҳои сулҳ, субот ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат намуда, дар таҳкими ҷомеаи муттаҳид ва устувор саҳм мегузорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 7 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, дорои мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Навгонии натиҷаҳо, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳо низ натиҷаҳои таҳқиқро инъикос карда, мустақилияти илмии муаллифро собит месозанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи баланди илмӣ ва арзиши назариявии диссертатсия, дар кори мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки метавонанд мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гиранд:

1. Зербоби 3.2 таҳти унвони «Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» аз ҷиҳати номгузорӣ ба таҳлили мушаххаси механизмҳои ҳуқуқӣ ва кафолатҳои конститутсионӣ равона шудааст. Аммо мазмуни пешниҳодшудаи зербоб пурра ба доираи мавзуи эълонгардида мутобиқат намекунад.

Қисмати асосии матн ба масъалаҳои умумии истиқлолияти давлатӣ, таърихи қабули Эъломияи истиқлолият, ҷараёни давлатсозӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, сиёсати иҷтимоӣ ва рушди стратегӣ бахшида шудааст. Гарчанде ин масъалаҳо бо фаъолияти Пешвои миллат иртибот доранд, онҳо мустақиман ба таҳлили механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи он дахл намекунанд.

2. Муаллиф ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро ба ду давра ҷудо намудааст (пешниҳоди 3 саҳ.14). Бо вуҷуди аҳаммияти ин кӯшиш, даврабандии пешниҳодшуда асоснокии назариявии кофӣ надорад ва бештар хусусияти

хронологӣ дорад, на илмӣ - ҳуқуқӣ.

Зеро, меъёри асосии ҷудокунии давраҳо ба санаҳои қабул ё тағйири санадҳои меъёрӣ такя мекунад, вале дар матн нишон дода нашудааст, ки чӣ гуна ин санаҳо ба тағйири сифатии мақоми ҳуқуқӣ, табиати институтсионалӣ ё мазмуни ваколатҳои Пешвои миллат оварда расонидаанд. Барои даврабандии илмӣ зарур аст, ки на танҳо замони қабул, балки хусусиятҳои ҳуқуқӣ, тағйири сохторӣ ва мазмунии меъёрҳо таҳлил карда шаванд.

3. Дар қатори навгониҳои илмӣ муаллиф иқтибос аз ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об (Соли байналмилалии оби тоза – 2003, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 2005–2015, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об – 2013, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» 2020–2028)-ро ҳамчун далели сиёсати сулҳҷӯёна ва саҳми Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ пешниҳод намудааст (пешниҳоди 4 саҳ.15).

Аммо дар таҳқиқ ба таври кофӣ нишон дода нашудааст, ки навгонии илмии ин пешниҳод маҳз дар чӣ ифода меёбад.

Аввалан, худи ташаббусҳои зикршуда дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ васеъ инъикос гардида, дар санадҳои СММ, матбуоти расмӣ ва таҳқиқоти илмӣ борҳо баррасӣ шудаанд. Аз ин рӯ, танҳо номбар кардан ё тавсифи онҳо наметавонад ҳамчун навгонии илмӣ арзёбӣ гардад. Барои исботи навгонӣ зарур буд, ки муаллиф нишон диҳад, ки ин ташаббусҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ- конститутсионӣ чӣ гуна таҳлил мешаванд ва чӣ гуна ба таҳкими мақоми Пешвои миллат ҳамчун субъекти ҳуқуқи конститутсионӣ ва байналмилалӣ таъсир мерасонанд.

Бо вуҷуди эродҳои зикршуда, онҳо хусусияти такмилдиҳанда дошта, ба сатҳи умумии илмӣ, навгонии натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири ҳалкунанда намерасонанд. Баръакс, ин мулоҳизаҳо метавонанд барои амиқтар намудани таҳқиқоти минбаъда ва рушди минбаъдаи мавзуи баррасишаванда заминаи мусоид фароҳам оваранд.

Дар маҷмуъ, Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири бахши умумии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ — Мирзозода Ш.М.

**Суроға:** 735035, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 71
Тел.: (+992) 918553721. E–mail: Shahriyor8787@mail.ru

**Имзои Ш.М. Мирзозодаро тасдиқ мекунам:**
Мудири бахши кадрҳо ва корҳои махсуси Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ — Қутбиддинзода М.Қ.

**Суроға:** Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (735035, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 71 Телефон: (+992 37) 231–09–59, E–mail: khadamotimehnat@khnm.tj, www.khnm.tj,

«02» 03 2026